# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020100-фалсафа ва 6D020600-диншиносӣ дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсисёфта, доир ба диссертатсияи Аркомиддинзода Шамсиддин Аркомиддин дар мавзӯи «Таълимоти Ибни Халдун дар бораи ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ**

**Комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:**

**–доктори илмҳои фалсафа, профессор Қаҳоров Ғ.Ғ. (09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ), раиси комиссия;**

**–доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҷононов С. (09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ), аъзои комиссия;**

**–доктори илмҳои фалсафа, профессор, Назариев. Р.З. (09.00.03 - таърихи фалсафа), аъзои комиссия;**

Диссертатсияи Аркомиддинзода Шамсиддин Аркомиддин дар мавзӯи “Таълимоти Ибни Халдун дар бораи ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон” яке аз масъалаҳои муҳими фалсафаи иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, барои пешрафти ҷомеаи муосири Тоҷикистон мусоидат карда метавонад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ фалсафаи иҷтимоии тоҷик дар асоси ҷалби манбаъҳои аслӣ ба мадори андешаронииҳои густурдаи таҳлилӣ тавонист зина ба зина саҳифаҳои таърихӣ ташаккулёбияшро дар заминаи фарҳанги миллӣ пурра намояд дар гузаштаи начандон дур ин кор аслан аз ҷониби намояндагони соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ анҷом дода мешуд. Онҳо бештари маврид дар ҳошияи таҳқиқоташон бахшида ба таълимоти файласуфони алоҳида ягон боб ё зерфасли хурдеро таҳти унвони «ақидаҳои иҷтимоии мутафаккир» ҷудо намуда, ба баррасии маҳдуди андешаҳои олими мавриди назар мепардохтанд. Ҳарчанд дар замони худ ин таҳқиқотҳо аз арзиши муайян холӣ набуданд, вале барои эҷоди тасаввуроти низоми мукаммал аз фалсафаи иҷтимоии мо пурра мусоидат наменамуданд. Аз ин рӯ, роҳҳои ҳалли ин мушкилотро ба равишҳои гуногун ва бо такя ба марҳилаҳои инкишофи фалсафаи иҷтимоӣ метавон дар ин рисола дарёфт намуд, ки аз муваффақиятҳои рисола маҳсуб мешавад.

Ба ақидаи диссертант, таҳқиқи илмии андешаҳои фалсафаи иҷтимоии Ибни Халдун ва назарияҳои илмиашро ба сурати мақола дар маҷаллаҳо ё китобҳо навишта шуда аст, аз ҷумла дар мавзӯҳои фалсафаи иҷтимоӣ, таърихи

фалсафа, ҷомеашиносӣ ва монанди онҳо. Аммо камтар ба назарияҳо дар боби таълимоти Ибни Халдун дар бораи таъсири муҳит ба ташаккули сифатҳои ичтимоии инсон пардохта шудааст. Агар шуда бошад ҳам таҳлили дуруст ва баёни ҷомеъ аз орои ӯ сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ, зарурат дорад, ки ба андешаҳои ин мутафаккир бипардозем ва ин рисола маҳз ба ҳамин мавзӯъ ихтисос дода шудааст. Ҷудогона баҳсу баррасӣ намудани ин мавзӯъ ба хотири аҳамияти калон доштани он дар миёни дигар мавзӯъҳои марбут ба ҷомеашиносӣ, инсоншиносии Ибни Халдун буда, дар шароити имрӯза омӯзиш ва барасии таълимоти фалсафии ин донишманд аҳаммияти махсус дошта пажӯҳиши ҷанбаҳои мухталифи он тақозои замон аст.

Диссертант таъсири муҳит ба ташаккули сифатҳои ичтимоии инсонро аз назари мутафаккирон таҳлил ва баррасӣ намуда, ақидаи Ибни Халдун дар бораи таъсири муҳит бар сифатҳои ичтимоии инсонро барои сатҳи пешрафти ҷомеаи муосир ва тадриси он ба насли имрӯзаву оянда хеле мусоидаткунанда медонад.

Дар диссертатсия қайд шудааст,ки Ибни Халдун ба баррасии падидаҳое мисли дигаргунии одобу русум, рӯҳияи хонаводагӣ ва қавмӣ, донишҳо ва пешрафтҳо ва фарқи миёни шуғлҳо, таъсироти обу ҳаво дар зиндагӣ, додугирифт ва зиндагии иқтисодӣ, таъсири табиат дар ахлоқи одамӣ, зиндагонии мардуми шаҳрнишин ва биёбоннишин, кишвардорӣ, пешрафт ва нобудии халқҳо ва бисёре аз масъалаҳои дигар баҳс карда, дигаргуниҳои таърихро бо равиши ичтимоӣ- таърихӣ тафсир кардааст.

Ба ақидаи диссертант, андешаҳои Ибни Халдун дар қарни бистум сарчашмаи баъзе довариҳои илмӣ ва сиёсӣ мебошад. Ҷомеаҳои муосир барои ҳалли баъзе аз масъалаҳои ичтимоӣ ба андешаҳое ниёз доранд, ки битавонанд ин масъалаҳоро бартараф намоянд. Ибни Халдун дар бисёре аз масъалаҳои ҷамъиятӣ, ба монанди роҳҳои афзоиши ҷамъият ва нақши он дар рушди иқтисодӣ, муҳоҷират, ҳаракат ва ҷо ба ҷой дар ҳаёти ичтимоии инсон назарияҳое баён кардааст ва метавон назарияҳои онро аз матни китоби “Муқаддима”-и ӯ ба даст овард, ки дар низоми фикрии ҷомеа ҷой дод.

Дар диссертатсия нисбати андешаҳои Ибни Халдун дар мавриди таъсири муҳит ба ташаккули сифатҳои ичтимоии инсон сарчашмаҳои зиёди илмӣ истифода шуда, онҳо аз ҷиҳати илми ва амалӣ дар асоси усули муқоисавӣ вобаста ба шароити муосир таҳлил шудаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Аркомиддинзода Шамсиддин Аркомиддин дар мавзӯи таълимоти Ибни Халдун дар бораи таъсири муҳит ба ташаккули сифатҳои ичтимоии инсон, барои ҷомеаи илмии кишварамон ва рушди таҷрибаи ҷомеасозии он хеле муҳим аст. Зеро таълимоти Ибни Халдун

фарогири масъалаҳои фалсафӣ, динӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, зебоипарастӣ ва табиатшиносӣ буда, дар замони муосир низ ба онҳо майлу рағбати зиёд мушоҳида мешавад.

**Дар диссертатсия ба таври мушахас навгониҳои зерин муайян шудааст:**

-ба таври маҷмӯавӣ вижагиҳои омӯзшии таълимоти Ибни Халдун дар таҳлили ҳаёти ҷомеаи инсонӣ таҳқиқ шуда аст;

-муайян карда шудааст, ки муҳити мушахаси фикрӣ ба ташаккули андешаҳои Ибни Халдун оид ба ҷомеа таъсири зиёде доштааст;

-аҳаммияти дидгоҳ ва таълимоти Ибни Халдун дар улуми муосири иҷтимоӣ ба таври мушахас баррасӣ шудааст.

-дидгоҳи назариявии Ибни Халдун оид ба мартабаи омилҳои таъсиргузор ба сифатҳои иҷтимоии инсон мавриди омузиш қарор дода шудааст;

- муайян карда шудааст, ки аз нигоҳи Ибни Халдун муҳити табиӣ ва ҷуғрофӣ ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон таъсири зиёде доштааст.

**Аҳмияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**

Асосҳои назариявии рисоларо корҳои илмӣ ва эҷодии, файласуфону ҷомеашиносони Шарқу Ғарб ташкил медиҳад. Дар раванди таҳқиқ аз методҳои таҳлилӣ мантиқӣ, татбиқӣ, муқоисавӣ ва таърихӣ, диалектикӣ истифода шудааст. Таҳқиқоти мавриди назар дар доираи фалсафаи иҷтимоӣ, таърихи фалсафа, ахлоқ ва фарҳангшиносӣ сурат гирифтааст.

Ин рисола маълумоти дақиқеро дар бораи таъсири муҳит бар ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон аз назари Ибни Халдунро дар бар гирифта аст. Баҳси мазкур дар доираҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле кам анҷом дода шудааст ва ин рисола метавонад барои касоне, ки дар ин масъала таҳқиқ мекунанд, манбаи хуб бошад. Илова бар ин, натиҷаҳову хулосаҳои аз таҳқиқи мазкур ба даст омадаро метавон минбаъд барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ, ҷомеашиносӣ, таърихи фалсафа, ахлоқу зебоишиносӣ ва таърихнигорӣ истифода намуд. Ҳамзамон онро ҳамчун сарчашма метавон барои омода намудани воситаҳои таълимӣ аз фан нҳои фалсафа, ҷомеашиносӣ, таърихи фалсафа, этика, эстетика, фарҳангшиносӣ, антропология ва ғайра васеъ истифода намуд.

Бо матни рисолаи тадқиқотии Аркомиддинзода Шамсиддин Аркомиддин дар мавзӯи " **Таълимоти Ибни Халдун дар бораи ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон** " шинос шуда, чунин натиҷабарори кардан мумкин аст, ки диссертант, дар ду боб ҷанбаҳои умдатарини масъалаи мазкурро мавриди таҳлил қарор дода аст. Мулоҳизаҳои диссертант вобаста ба масъалаи мазкур дар заминаи равишҳои муътабари таҳлилӣ асоснок шудаанд. Аз ҷумла диссертант хеле хуб назариёти Ибни Халдунро оид ба масъалаи хусусиятҳои робитаи инсон бо табиат бо андешаҳои Ш. Монтескё муқоиса

менамояд ва хулосаҳои худро баён мекунад. Дар натиҷа камисия ба чунин хулоса омад:

1. Рисолаи тадқиқшуда ба талабаботи илмии соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ ҷавобгӯ буда, моҳияти воқеияти фалсафаи инсоншиносиро дуруст инъикос менамояд. Сарчашмаҳои илмии истифодашуда, таҳлили воқеӣ дошта, ҷанбаҳои назариявӣ ва метадологӣ таълимоти Ибни Халдун, инчунин равишҳои амалии таҳлили омилҳои таъсиргузор ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон дар таълимоти Ибни Халдунро нишон медиҳад. Истифодаи мавод ва усул, инчунин методологияи таҳқиқоти гузаронидашуда ба ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқ мебошад;

2. Мазмуни автореферат муҳтавои диссертатсияро инъикос менамояд;

3. Натиҷаҳои асосии тадқиқоти рисола, хулоса ва тавсияҳои Аркомиддинзода Шамсиддин Аркомиддин дар 3 мақолаи илмии ӯ, ки дар маҷалаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, дарҷ шудааст;

4. Пешниҳод карда мешавад, ки доир ба диссертатсияи Аркомиддинзода Шамсиддин Аркомиддин ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таъйин карда шавад;

5. Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи Аркомиддинзода Шамсиддин Аркомиддин мутахасисони зери таъйин карда шаванд:

– Хидирзода Махфират Умар – доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Зикирзода Ҳ. – номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи фалсафаи фарҳанги Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

6. Барои ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон иҷозат дода шавад:

7. Барои чоп намудани диссертатсияи иҷозат дода шавад:

**Раиси комиссия экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа,
профессор /__________/ Қаҳоров Ғ.Ғ.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа,
профессор /__________/ Ҷононов С.

доктори илмҳои фалсафа,
профессор /__________/ Назариев Р.З.